*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 68 (4651) | ДУШАНБЕ, 22 МАЙИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад






**«Шумо, Ҷаноби Президент, миёни мо сарони давлатҳо аз ҳама сиёсатмадори пуртаҷриба ба шумор меравед, ки дар саргаҳи таъсиси давлатдории навини тоҷикон ва дар саргаҳи таъсиси Созмони ҳамкории Шанхай истода будед.**

**Шумо хеле сиёсатмадори хирадманд, пуртаҷриба ва дурбин ҳастед ва дар рушди муносибатҳои дуҷониба нақши муҳим мебозед. Пешниҳод ва андешаҳои Шумо барои мо ниҳоят муҳим мебошанд».**

*Аз суханронии ҷамъбастии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин дар кори Саммити якуми сарони кишварҳои «Чин - Осиёи Марказӣ» дар бораи шахсияти бузурги Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Шаҳри Сиани Ҷумҳурии Мардумии Чин, 19 - уми майи соли 2023*

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**22 - юми майи соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нефт ва газ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор гирифта, баъд аз шарҳу тавзеҳи онҳо аз ҷониби раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода, оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Хайрулло Амонулло ва оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Дар ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагон, инчунин, масъала «Дар бораи баргардондани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ гардида, баъд аз шарҳу тавзеҳи раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сумангул Тағойзода вобаста ба он қарор қабул шуд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

23-юми май – Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон

## БУНЁДКОРӢ, МУҶАҲҲАЗГАРДОНӢ ВА ПЕШСАФӢ

### Ба шарофати муҳтарам Рустами Эмомалӣ рушду такомули пойтахт, аз ҷумла соҳаи маориф, бардавом ва дар сатҳи хубу сифати баланд аст



**Дар арафаи Рӯзи ҷавонони кишвар бо сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе Баҳром Исмоилзода оид ба дастовардҳои ҷавонони пойтахт ва рушди соҳаи маориф ҳамсуҳбат гардидем. Номбурда, қабл аз ҳама ҷавонони кишварро, бо ин сана самимона табрик гуфта, барояшон комёбиҳои беш аз пешро таманно кард.**

- Бамаврид ва рамзӣ аст, ки суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро иқтибос орам, -афзуд номбурда: «Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд». Боварии комил дорам, ки ҷавонони кишвар ба эътимоди Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзанда мемонанд ва таваҷҷуҳу ғамхории ин Абармарди дунёи сиёсатро ба таври бояду шояд арҷгузорӣ менамоянд.

Қобили зикр аст, ки Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мактабро боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин номидаанд.

Роҳбари мамлакат барҳақ таъкид кардаанд: «Агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад».

Баҳром Исмоилзода ифтихорманд аст, ки Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе таҳти сарварии парвардаи мактаби беназири тарбияи фарзанди Пешвои миллат - Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, ин раванд бардавом аст.

- Бидуни муболиға метавон гуфт, ки бо сарварии муҳтарам Рустами Эмомалӣ рушду такомули пойтахт, аз ҷумла соҳаи маориф, бардавом ва дар сатҳи хубу сифати баланд аст. Мо шоҳид ҳастем, ки ба шарофати Раиси ҷавону масъулиятшинос ва қонунмеҳвари шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ пойтахти кишвари азизамон тамоюли ободтар ва хуррамшавиро касб намудааст. Ин ҷавонмарди масъулиятшиносу поквиҷдон бо меҳвар қарор додани суханони Пешвои миллат: «Бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад», ба дастовардҳои беназир ноил шуданд, ки дар таърихи пойтахти мамлакат назир надоранд,- таъкид кард ҳамсуҳбатам.

Агар дастовардҳои соҳаи маорифи кишварро тайи солҳои 2021, 2022 ва панҷмоҳаи аввали соли 2023 мухтасар бозгӯӣ намоем, пас вусъат ёфтани бунёду азнавсозии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, ба истифода додани муассисаҳои таълимии типи нав (гимназияву литсейҳо), ҷорӣ гаштани низоми муосири иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе, тақвияти равобити муассисаҳои таълимӣ бо оила ва аҳли ҷомеа, баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳои давлатӣ дар соҳаи маориф тавассути «Барномаи электронии eDonish» аз ҳамон ҷумлаанд.

Ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ гардонидани заминаи моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, роҳандозӣ намудани озмунҳои гуногун, зиёд шудани теъдоди ғолибони олимпиадаҳои сатҳи ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ, дастгириву ҳавасмандгардонии кӯдакону наврасони болаёқат, баланд бардоштани мақоми аҳли маориф аз ҷониби Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ идомаи мантиқии ин раванд аст. Месазад ёдовар шавем, ки аз соли 2021 инҷониб 9 муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо 1544 ҷой ва 19 муассисаи таълимӣ барои 18630 хонанда дар як баст бо харҷи зиёда аз 768 млн. 13 ҳазор сомонӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Илова бар ин, дар доираи нақшаи чорабиниҳои таҷлили 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёду азнавсозии 8 муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо 1810 ҷойи нишаст ва 16 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо 15736 ҷойи нишаст оғоз гардид.

Айни замон дар шаҳри Душанбе 161 муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо фарогирии 31469 тарбиягиранда ва 199 муассисаи таҳсилоти умумӣ барои 274920 толибилм фаъолият менамоянд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 мутаносибан 11 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва 730 тарбиягиранда, 7 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва 6518 нафар хонанда зиёд мебошад.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

Рӯйдодҳои парламентҳои ҷаҳон

## ДАР БОРАИ РИОЯИ ХОМӮШӢ ҚОНУН ҚАБУЛ ШУД



**Дар Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи риояи хомӯшӣ ва оромии шаҳрвандон дар Федератсияи Россия»-ро дастгирӣ карданд.**

Тибқи ин қонун, дар тамоми минтақаҳои Федератсияи Россия аз соати $22^{00}$ то $7^{00}$ бояд хомӯшӣ қатъиян риоя шавад. Барои корҳои таъмирие, ки зимни онҳо садои баланд шунида мешавад, соатҳои $9^{00}$ $19^{00}$ бо танаффус аз соати $13^{00}$ то $15^{00}$, иҷозат дода мешавад. Онҳое, ки чунин тартиботро риоя намекунанд, муҷозот шуда, бо вайронкунандагони тартибот суҳбат гузаронида мешавад. Вобаста ба арзу шикоятҳои шаҳрвандон, махсусан онҳое, ки дар хонаҳои баландошёнаи бисёрҳуҷрагӣ зиндагӣ мекунанд, лоиҳаи қонуни мазкур таҳия гардида, моҳи феврал ба Думаи давлатӣ пешниҳод шуда буд.

***«Известия»***

## ҲИЗБИ ҲОКИМ 320 ҶОЙРО СОҲИБ ШУД



**14-уми майи соли ҷорӣ дар Туркия интихоботи президентӣ ва парламент баргузор гардид. Тибқи ҳисобҳои пешакӣ, Сарвари имрӯзаи кишвар Раҷаб Эрдуғон 49,35 ва рақиби вай Кемал Киличдароғлу соҳиби 45 фоизи овозҳо шуданд. Бинобар ин, 28 - уми май даври дуюми интихобот доир мегардад.**

Дар парламенти кишвар бошад, 320 номзади эътилофи ҷумҳуриявӣ бо сардории ҳизби ҳокими «Адолат ва рушд» соҳиби курсиҳои вакилӣ мешаванд.

***«Известия РУ», «Шабакаи телевизионии TPT»***

## КАЛОНТАРИН БИНОИ ПАРЛАМЕНТ



**Дар бораи сохтмони бинои парламенти Венгрия (Орсагхаз) соли 1843 қарор қабул шуда буд.**

Бинобар инқилоб дар кишвар ин нақша амалӣ нагардид. Соли 1873, баъд аз муттаҳид шудани Буда ва Пешта, аз нав тасмим гимрифта шуд, ки он сохта шавад. Сохтмони бинои парламент аз соли 1885 то соли 1904 идома ёфт.

Бинои парламент аз 691 утоқ, 29 зинапоя ва 10 ҳавлӣ иборат аст. Баландии манораи болои бино 27 метр ва доираи он 20 метр мебошад. Дар дохили бино осорхона мавҷуд аст.

***«Википедия»***

## ХУРДТАРИН ПАРЛАМЕНТ



**Давлате, ки дар он хурдтарин парламенти ҷаҳон фаъолият мекунад, дар ҷазираи Королинскии Океания мавҷуд аст.**

Ин давлат иёлоти Микронезия ном дорад. Конгресси якпалатагии он ҳамагӣ 14 аъзо дорад, ки чор нафари онҳо як нафарӣ аз ҳар як иёлати кишвар, ба муҳлати 4 сол ва 10 нафари дигар аз округҳои якмандатӣ ба муҳлати ду сол интихоб мешаванд. Вакилон аъзои ягон ҳизби сиёсӣ нестанд, чунки дар кишвар низоми ҳизбӣ вуҷуд надорад.

Аҳолии иёлоти Микронезия беш аз 100 ҳазор нафарро ташкил медиҳанд. Дар ин кишвар Президент ва ноиби Президентро аз миёни чор нафар сенатор конгресс интихоб мекунад.

***«Википедия»***

**Таҳияи Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

# ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ – ТАҲРИКБАХШИ РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲӢ

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар паёмҳояшон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи сайёҳӣ, ки яке аз соҳаҳои муҳим мебошад, таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд.**

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки 23-юми декабри соли 2022 ироа гардид, ба соҳаи сайёҳӣ дахл карда, ёдрас шуданд, ки дар панҷ соли охир беш аз 3,9 миллион нафар, аз ҷумла соли 2022 қариб 1 миллион нафар сайёҳ ба кишвари мо ворид гардидаанд. Дар ин давра барои пешниҳоди хизматрасонӣ ба онҳо беш аз 600 ва танҳо соли 2022-юм сад иншооти инфрасохтори сайёҳӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Инчунин, Сарвари давлат хотиррасон намуданд, ки «Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 2022 оид ба ҷалби бештари сайёҳон ва сармоягузорони хориҷӣ барои шаҳрвандони 52 кишвари хориҷӣ иқдоми яктарафаи воридшавии бидуни раводид ҷорӣ намуд ва зарур аст, ки ин раванд ба таври самаранок амалӣ карда шавад. Инчунин, бо ин мақсад барои шаҳрвандони 126 давлати хориҷӣ пешниҳоди раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби содакардашуда ҷорӣ гардидааст».

Дар ҳақиқат ба истифода додани иншооти инфрасохтори сайёҳӣ ва дигар ибтикору тадбирҳои дар соҳаи сайёҳӣ амаликардашуда муҳим ва саривақтӣ буда, дар рушди соҳаи сайёҳии кишвар кумак хоҳанд намуд.

Дар Паём барои таъмин намудани рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ Кумитаи рушди сайёҳӣ вазифадор карда шуд, ки корро барои зиёд кардани номгӯи хизматрасониҳои сайёҳӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳо дар соҳа, роҳандозии васеи сайёҳии табобатӣ, экологӣ ва кӯҳнавардӣ густариш бахшад.

Илова бар ин, Сарвари давлат оид ба дурнамои инкишофи соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуданд: «Бояд ба масъалаҳои самаранок ва бо сифати баланд татбиқ намудани лоиҳаҳои сармоягузории соҳа, идома додани бунёди инфрасохтори сайёҳии ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯй, баланд бардоштани мавқеи байналмилалии кишвар, ташаккули бренди миллии фарогири имкониятҳои сайёҳӣ ва муаррифии он дар арсаи ҷаҳонӣ, инчунин, таъмини иқтидори кадрии соҳа диққати ҷиддӣ дода шавад».

Умед дорем, ки он дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, барои боз ҳам бештар рушд ёфтани соҳаи сайёҳии мамлакат мусоидат менамоянд.

**Дилшод АЛИЕВ,**
**сармутахассиси Раёсати робитаҳои хориҷӣ, байнипарламентӣ, ташрифотӣ ва ташкили кори Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



## 110 ТОННА ҚУЛФИНАЙ ҶАМЪОВАРӢ ШУД

**Қулфинайпарварони ноҳияи Вахш соли равон дар 300 гектар парвариши ин меваи хуштамъро ба роҳ мондаанд, ки дар 50 гектари он зери плёнка кишт шудааст.**

Сардори Раёсати кишоварзии ноҳияи Вахш Қаюм Алимов гуфт, ки гарчанде кишти қулфинай нисбат ба соли гузашта 150 гектар кам аст, аммо ҳосилнокӣ аз ҳар як гектар як маротиба бештар аст. Барои мисол, агар соли гузашта аз ҳар як гектар 5 тонна ҳосил ҷамъоварӣ шуда бошад, имсол ин нишондиҳанда то 10 тонна расид.

То ҳол деҳқонони соҳибтаҷрибаи ноҳияи Вахш 110 тонна қулфинай ҷамъоварӣ намуданд.

**Сулаймон СУЛТОНОВ,**
**«Садои мардум»**

## КОРГОҲИ КОРКАРДИ ШОЛӢ БА ФАЪОЛИЯТ ШУРӮЪ КАРД

**Дар ноҳияи Фархор коргоҳи коркарди биринҷ, истеҳсоли орди навъи якум ва хӯроки чорво мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.**

Тавре аз Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия иттилоъ доданд, коргоҳи мазкур бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамкории шарикони рушд дар деҳаи Куҳандиёр ба истифода дода шуд.

Ба шарофати ин икдом 12 сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд.

**И. РАҶАБАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

# МЕЪЁРЭҶОДКУНӢ. ИЛМЕ, КИ АЗ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДКОР ВОБАСТА АСТ

**Меъёрэҷодкунӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, мураттабсозӣ ва ғайра муҳим ба ҳисоб меравад. Риоя накардани қоидаҳои техникии меъёрэҷодкунӣ боиси бозпас баргаштани лоиҳаи қонун мегардад. Бо гузашти вақт санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба такмил ниёзманд мешаванд, зеро муносибатҳои ҷамъиятӣ ивазшаванда буда, бо роҳи техникаи меъёрэҷодкунӣ бартараф мегарданд.**

Яке аз масъалаҳои марбут ба меъёрэҷодкунӣ мутобиқ кардани матни лоиҳаи қонун ба меъёрҳои Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мебошанд.

Масъалаи дигар дар техникаи меъёрэҷодкунӣ мутобиқ будани матни лоиҳаи қонун ба матни қонуни амалкунанда мебошад. Масалан, агар дар қонуни амалкунанда сархатҳо бо нимтире «-» ифода шуда бошанд, таҳиякунандаи лоиҳаи қонун барои тағйиру илова ва истифодаи дигар намудҳои техникаи меъёрэҷодкунӣ наметавонад дар матни лоиҳа сархатро бо рақам ва аломат «1)» ифода намояд, ба истисноии лоиҳаи қонуне, ки дар таҳрири нав пешниҳод мешавад. Масалан, агар ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳияи лоиҳаи қонун тағйиру илова ва истифода кардани дигар намудҳои техникаи меъёрэҷодкунӣ амалӣ гардад, бояд матни лоиҳаи қонун ба матни дохилии кодекси мазкур мутобиқ мешавад. Қоидаи мазкур ба дигар қонунҳо низ дахл дорад.

Дар меъёрэҷодкунӣ, тибқи моддаи 58 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мақоми меъёрэҷодкунанда барои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси шартнома оид ба таҳияи лоиҳаи қонун супориш диҳад ё ин ки барои беҳтарин лоиҳаи қонун озмун эълон намояд, ифода шудааст.

Дар асоси моддаи 59 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда ё мақомоти дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ барои таҳияи лоиҳаи қонун дар асоси нақшаи тасдиқгардида гурӯҳи корӣ таъсис дода метавонанд.

Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар асоси моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Ташаббуси қонунгузорӣ танҳо эҷоди қонун набуда, мафҳуми васеъро дар бар мегирад. Мазмуни ташаббускорӣ ҷалби мутахассисони назариявӣ ва амалӣ оид ба таҳияи лоиҳаи қонунро низ дорад. Дар низоми қонунгузорӣ масъалаҳое вуҷуд доранд, ки онро мутахассисон ба қонун дуруст ворид карда метавонанд.

Масъалаи дигари техникаи меъёрэҷодкунӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, «мутобиқати қонунгузорӣ» мебошад. Дар сурате ки ба қонун бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар заминаи техникаи меъёрэҷодкунӣ тағйиру илова, қонуни мукаммал ва ғайра дар шакли лоиҳаи қонун таҳия мегардад, бояд матн ва истилоҳҳои истифодашуда ба қонунҳои амалкунанда мутобиқ бошанд. Барои мутобиқ сохтани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо ҳамдигар «Вазорати мутобиқ сохтани меъёрҳо» таъсис додан шарт нест, балки дониши ҳуқуқшиносӣ зарур аст ва ин муносибатро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» танзим менамояд.

Дар техникаи меъёрэҷодкунӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода кардани ҷумлаҳои шоирона қобили қабул нест. Меъёрэҷодкунӣ бояд хусусияти воқеӣ дошта бошад, яъне муносибати ҷамъиятиро танзим ва беҳтар намояд. Меъёрэҷодкунӣ ба дохилӣ ва байналмилалӣ ҷудо мешаванд. Дар меъёрэҷодкунии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва санад қабул менамояд, истифодаи калимаҳои «қонуни миллӣ» дуруст буда, вале дар қонунгузории дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон корбурд кардани калимаҳои «қонуни миллӣ» нодуруст мебошад, зеро калимаҳои мазкур ба матни санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилӣ мутобиқ намебошанд.

Бояд мадди назар дошт, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ бо роҳи қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд. Бинобар ин, муносибатҳои ҷамъиятӣ дар қонунгузорӣ муқаррар шуда, барои дар амал татбиқ кардани меъёрҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар шакли қарор, амр, фармон, фармоиш, санадҳои судӣ ва ғайра қабул мешаванд.

Техникаи меъёрэҷодкунӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз маҳакҳои зерин иборат аст: 1) ташаббус ба лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ; 2) таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ; 3) мукаммал ва мушаххас намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ; 4) мутобиқ кардани матни лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; 5) ҷалби мутахассисон барои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ; 6) таъсиси гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ; 7) ҷалби мақомоти давлатӣ оид ба таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ; 8) пешниҳоди лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ барои экспертиза; 9) гирифтани иттилои ҳуқуқӣ оид ба таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ; 10) ҷалби олимон оид ба таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ; 11) риоя кардани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»; 12) эълон кардани озмун барои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ; 13) тибқи шартнома супориш додан барои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ғайра мебошанд.

Бояд зикр кард, ки дар техникаи меъёрэҷодкунӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳоди лоиҳаи қонун ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи ниҳоӣ мебошад. Ташаббускор пеш аз пешниҳод кардани лоиҳаи қонун бояд тамоми давраҳои бо маҳакҳои асосии зикршударо, вобаста ба пешниҳодҳои меъёрии лоиҳаи қонун иҷро намояд.

Меъёрэҷодкунӣ ба таваккал асос намеёбад, он хусусияти мухтасарӣ, саҳеҳӣ ва тасдиқиро дорад. Дар меъёрэҷодкунӣ тафсири меъёр манъ аст, зеро меъёр бояд дар шакле навишта шуда бошад, ки ниёз ба тафсир надошта бошад.

Дар меъёрэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон иваз шудани ном ва матни «Кодекси граждании» ба «Кодекси маданӣ» аз он шаҳодат медиҳад, ки самти мазкур рӯз аз рӯз аз нигоҳи илмию таҳқиқотӣ мустаҳкам шуда истодааст.

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Кодекси мазкур бо дастгирии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Маҳмадтоир Зокирзода ва ҷонибдории вакилони Маҷлиси намояндагон қабул шуда, аз ҷониби аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи дувоздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум таҳти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷонибдорӣ ёфт.

Бояд зикр кард, ки Кодекси маданӣ (Civil Code) таърихи зиёда аз 2000-соларо дорад, ки дар яке аз аввалин давлатҳо Рими Қадим вуҷуд дошт ва муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекард. Бинобар он ки низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон романӣ ва олмонӣ мебошад, истифодаи калимаи «маданӣ» дар кодекс дуруст буда, ба меъёрэҷодкунии дохилии кишвар пешравии калони илмию меъёрэҷодкуниро дорад, ки калимаи мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ мебошад.

Меъёрэҷодкунӣ илм аст, аз қобилияти эҷодкор вобастагӣ дорад. Он ҳуқуқи муаллифӣ надорад, чунки аз ҷониби намояндагони халқ дар шакли санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, сипас ҷараёнҳои ҷонибдорӣ, имзо ва интишорро дар маҷаллаҳои расмӣ мегузарад ва мавриди амал қарор мегирад.

**Баҳрулло ҒАЮРЗОДА,**
**мушовири калони Комиссия оид ба назорати Дастур ва ташкили кори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳамовозӣ

**Дар шумораи №24 (4607) - и рӯзномаи «Садои мардум» аз 13-уми феврали соли равон мақолае зери унвони «Манфиати таҷдиди корхонаҳои равғанбарорӣ кадомҳоянд?» ба табъ расид, ки дар он муаллиф андешаҳояшро дар бораи зиёд кардани майдони кишти зироати равғандеҳ баён кардааст. Ман муаллифро ҷонибдорӣ намуда, ҳамчун собиқадори соҳа андешаҳоямро дар ин хусус илова карданиям.**

# ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАМИН ВА ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ



Соҳаи кишоварзӣ метавонад аҳолиро бо озуқа таъмин намояд. Барои ин васеъ кардани заминҳои ноҳамвору талу теппаҳо ва обёрӣ намудани заминҳои лалмии ташналаби водиҳои кӯҳистон шарт ва зарур аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Ҳар як ваҷаб замини корам бояд омили муҳими таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар дониста шавад». Кишвари мо камзамин аст. Бинобар ин, интихоби дурусти зироат ва гузаштан ба технологияҳои навини муосири сарфакоронаи коркарду парвариши онҳо ба манфиати кор аст. Пеш аз ҳама, ба истеҳсоли зироати серғизою витаминдор аҳамияти хоса зоҳир намудан зарур аст. Тадқиқоти бисёрсолаи илмӣ исбот намудааст, ки инсоният 40 дарсади талаботи организми худро аз ҳисоби сафедаҳо ва 50 дарсади онро аз карбогидратҳо ба воситаи маҳсулоти ғаллагӣ таъмин карда метавонад. Аз ин рӯ, бояд кишти зироати лӯбиёгӣ ва равғандорро дар заминҳои обию лалмӣ пурра ҷорӣ намоем, зеро ин зироат, аз ҷумла наҳӯд, наск, мош, мушунг, зағир, кунҷид, маъсар, офтобпараст, фундуқи заминӣ, соя, сафлор, перко заминро серҳосил ва аз алафҳои бегона низ тоза менамоянд. Таркиби соя (лӯбиёи чинӣ) аз 35 то 50 дарсад сафеда ва 17 - 28 фоиз равған дорад. Дар хоҷагиҳои ҷумҳурӣ ин зироат аз 25 то 30-сентнерӣ аз ҳар як гектар ҳосил медиҳад. Онро дар 60 мамлакати ҷаҳон кишт мекунанд. Дар кишти такрорӣ навъҳои «Орзу» ва «Ситора»-ро дар минтақаҳои кишварамон кишт кардан мумкин аст.

Мутаассифона, имрӯз тухмипарварӣ дар ҷумҳурӣ мувофиқи мақсад нест. Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки аксарияти онҳо ғалладона истеҳсол мекунанд, ба истеҳсолу захира намудани тухмиҳои серҳосили ватанӣ ҷиддӣ машғул набуда, агротехникаи парвариши ғаллагиҳоро бинобар мутахассис набудан дуруст намефаҳманд.

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Наврӯз»-и шаҳри Душанбе, ки дар маҳаллаи «Ховарон» ҷойгир аст, коркарди партовҳои солҳои 40 - 50-уми асри гузаштаро, ки қариб 80 дарсадашон ба нуриҳои органикӣ табдил гаштаанд, бо технологияи нав ба роҳ мондааст. Таҳлилҳои Пажӯҳишгоҳи илмӣ – тадқиқотии Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки ин нуриҳои «Биокомпост»-и аз партовҳои пӯсида истеҳсолшуда дар таркибашон моддаҳои асосии химиявии азот, фосфор, калий ва моддаҳои гумусӣ дошта, аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ба инсон ягон зиён намерасонанд. Нурии зикршуда заминро дар давраҳои сарди зимистон гарм нигоҳ медорад. Ба шарофати он зироати фосилавие, ки дар фасли тирамоҳ кишт карда мешаванд, решаашон мустаҳкам гардида, хокро бой мегардонанд. Таҳқиқот дар хоҷагиҳои шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Ҳисор, Рӯдакӣ, Ваҳдат, Вахш ва Кӯшониён аз он шаҳодат медиҳад, ки истифодаи биокомпости аз партовҳо ҳосилгардида барои нашъунамои зироатҳои техникӣ, сабзавоту ғаллагиҳо, мевагӣ, гулу буттаҳо ва кабудизоркунӣ манфиатовар аст.

Мушкилоти барқарорсозии ҳосилхезии замин ва самаранокии он дар айни замон вазифаи аввалиндараҷаи олимони соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Маҷмӯи нуриҳои микробиологӣ (КМУ)-ро, ки маҳсули таҳқиқоти илмии кормандони Иттиҳодияи илмию истеҳсолии кишоварзии шаҳри Иркутскии Федератсияи Россия буда, боиси ҳосили баланд аст, мо низ васеъ истифода бурда истодаем. Нуриҳои микробиологиро хоҷагиҳои шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Турсунзода, Данғара, Вахш, Ҷайҳун, Қубодиён, Восеъ ва Рӯдакӣ дар 792,5 гектар замин ба роҳ мондаанд. Хоҷагии деҳқонии «Тосқалъа»-и ноҳияи Данғара дар 40 гектар замини лалмӣ гандуми навъи «Стекловидная-24» кишт карда, бо истифодаи нуриҳои микробиологӣ ҳосилнокии гандумро ба 31,2 - сентнерӣ аз ҳар гектар расонид. Истифодаи маҷмӯи нуриҳои микробиологӣ барои гирифтани ҳосили пахтаи миёнанах аз 35 то 36,8 - сентнерӣ боис гардида, ин нишондиҳанда вобаста ба пахтаи маҳинах то 33 - 34 - сентнериро аз ҳар гектар ташкил намуд. Истифодаи нуриҳои микробиологӣ гандумро аз касалиҳои сиёҳаку занги зарди гандум эмин дошта, фосилаи пухта расидани ҳосилро 10 - 15 рӯз метезонад. Боварӣ дорем, ки ин навигариҳои илму таҷрибаҳои пешқадам аз тарафи Вазорати кишоварзӣ ва дигар сохторҳо дастгирӣ меёбад ва барои таъмини амнияти озуқаворӣ саҳмгузор хоҳад гашт.

**Сайфиддин САДРИДДИНОВ,**
**сарходими илмии Институти тадқиқоти иқтисодӣ ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Проблема ва мулоҳиза

# ЭНЕРГИЯИ ОЯНДАДОРИ САЙЁРА



**Бо пешниҳоди Ҷамъияти байналмилалии энергияи офтобӣ аз соли 1994 дар аксар кишварҳо 3 - юми май Рӯзи байналмилалии офтоб таҷлил мегардад. Ҳадаф аз санаи мазкур нашр кардани иттилооти бештар дар бораи аҳамияти энергияи офтобӣ мебошад.**

Одамон аз қадим энергияи офтобиро барои гарм кардани об ва хушк кардани меваю сабзавот истифода мебурданд. Аз баракати пешрафти илму технология ҳоло бо истифода аз энергияи офтоб неруи барқ истеҳсол мешавад, хонаҳо гарму чароғон шуда, мошинҳо ба ҳаракат медароянду киштиҳои кайҳонӣ ба Замин маълумот мефиристанд.

Энергияи офтобӣ барқароршаванда, арзон ва аз лиҳози экологӣ тозаю ба саломатӣ безарар мебошад. Соли 1958 амрикоиҳо радифи маснӯи Заминро ба фазо партоб карданд, ки дорои шаш батареяи офтобии иқтидорашон 1 - ваттӣ буд. Соли 1963 Ширкати «Sharp» истеҳсоли батареяҳои офтобиро ба роҳ монд. Бо мақсади рушди соҳаи энергияи офтобӣ соли 1974 Ассотсиатсияи энергетикаи офтобӣ (SEIA) таъсис ёфт. Баъд аз чор сол Вазорати энергетикаи ИМА Пажӯҳишгоҳи энергияи офтобиро таъсис дод, ки баъдан бо номи Лабораторияи миллии энергияи барқароршаванда (NREL) машҳур гашт. Он ҳар сол аз ҷониби Конгресси ИМА маблағгузорӣ мешавад. Соли 2000- ум иқтидори тамоми неругоҳҳои офтобӣ дар ҷаҳон ба 1 гигаватт расид.

Моҳи апрели соли 2016 теъдоди умумии панелҳои офтобии танҳо дар ИМА насбшуда аз 1 миллион адад гузашта, иқтидори умумиашон 14 625 мегаватт дар як солро ташкил дод.

Аз ҷиҳати маъруфияти энергияи офтобӣ Ҷумҳурии Мардумии Чин дар ҷаҳон ба ҷои аввал баромад. Имрӯз қариб 40 дарсади истеҳсоли ҷаҳонии неруи барқ аз энергияи офтобӣ ба ин кишвар рост меояд. Иқтидори умумии панелҳои офтобии Чин дар соли 2021 ба 306 ҳазору 973 мегаватт расид. Ин рақам дар ИМА 95 ҳазору 209, Япония - 74 ҳазору 191, Германия - 58 ҳазору 461 ва Ҳиндустон 56 ҳазору 951 мегаваттро ташкил медиҳад.

Соли 2020 раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин дар Ҷамъомади байналмилалии иқлим иброз намуд, ки кишвараш то соли 2030 мақсад дорад истеҳсоли неруи барқ аз офтобу шамолро ба 1200 гигаватт расонад.

Ҳанӯз соли 2007 Комиссияи миллӣ оид ба рушд ва ислоҳоти Хитой ба нақша гирифта буд, ки то соли 2020 иқтидори неругоҳҳои офтобии Чин ба 2800 мВт расонида шавад. Тавре аз маълумоти оморӣ бармеояд, ин рақам дар муҳлати зикршуда аз нақша 15 маротиба бештар шуд. Яке аз сабабҳои бо суръати баланд тараққӣ кардани соҳаи энергияи офтобӣ ҷудо намудани имтиёзи андозӣ барои истеҳсолкунандагону истифодабарандагони таҷҳизоти офтобӣ мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин моҳи марти соли 2009 «Барномаи давлатии нақшаи бомҳои офтобӣ» - ро қабул намуд. Мувофиқи он ба ширкатҳое, ки таҷҳизоти офтобӣ истеҳсол мекарданд, имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ дода шуд. Дар натиҷа, мутахассисони беҳтарин ва ширкатҳои хориҷӣ ба Чин омада, истеҳсоли таҷҳизоти офтобиро ба роҳ монданд. Сокинони зиёди Ҷумҳурии Мардумии Чин дар ин корхонаҳо бо ҷои кор таъмин гардиданд. Аз сабаби арзон будани таҷҳизоти офтобии истеҳсоли Чин теъдоди харидорони он дар дохилу хориҷи мамлакат якбора афзуд. Ширкатҳо фаъолияти се бастро ба роҳ монда, ба ҷои як таҷҳизоти фармоишшуда ду таҷҳизот истеҳсол карданд.

То соли 2013 корхонаҳои саноатии истеҳсоли таҷҳизоти офтобии Чин нархи ҷаҳонии ин маҳсулоти серталабро 80 дарсад арзон намуданд. Чине, ки солҳои 90-уми асри гузашта фақат барои сокинони деҳоти дурдаст таҷҳизоти хурди офтобӣ истеҳсол мекард, дар муддати кӯтоҳ аз ИМА, ки 30 сол дар ин соҳа ҷойи аввалро ишғол мекард, пеш гузашт. Ҳоло Чин 71 дарсади панелҳои офтобии ҷаҳонро истеҳсол мекунад.

Директори Институти энергияи офтобии Донишгоҳи Ҷорҷ Вашингтон Амит Ронен дар ин хусус чунин иброз доштааст: «Хитоиҳо иқтисоди энергияи офтобиро дар тамоми ҷаҳон ба самти мусбат тағйир доданд».

Истифодаи таҷҳизоти офтобӣ сол то сол ба тозашавии ҳавои Чин мусоидат намуд. Аз рӯйи ҳисоботи оморӣ, соли 2019 ҳаҷми газҳои зарарнок, аз ҷумла диоксиди сулфур дар фазо нисбат ба соли 1960 бештар аз 15 дарсад кам шуд.

Ғайр аз таҷҳизоти офтобии истеҳсолкунандаи барқ Чин аз ҷиҳати истеҳсолу истифодаи обгармкунакҳои офтобӣ низ дар ҷаҳон пешқадам аст. Имрӯз 70 дарсади обгармкунакҳои офтобии ҷаҳон ба ин кишвар рост меояд.

Бузургтарин неругоҳҳои офтобии Ҷумҳурии Мардумии Чин инҳоянд: «Парки офтобӣ» дар биёбони Тепгер (иқтидораш 1547 мегаватт), «Datong Solar Power» (1000 мегаватт), Парки офтобии «Longyangxia Dam» (850 мегаватт), Парки офтобии «Хуанхе» (500 мегаватт), Парки офтобии «Се дара»-и Голмуд (500 мегаватт), Парки офтобии «Се дара»-и Делинг (500 мегаватт).

Хулоса, Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин тараққӣ додани соҳаи энергияи барқароршавандаро на танҳо ҳамчун сиёсати кам кардани партоби газҳои гулхонаӣ, балки манбаи асосии амнияти энергетикӣ мешуморад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21-уми декабри соли 2021 таъкид намуданд, ки истеҳсол ва истифодаи «энергияи сабз» аз ҷумлаи афзалиятҳои рақобатнокии иқтисоди кишвари мо ба ҳисоб меравад. Сардори давлат ба дигар манбаъҳои барқароршавандаи энергия низ таваҷҷуҳ зоҳир намудани Ҳукумати мамлакатро ёдовар шуда, чунин зикр намуданд: «Истифодаи васеи дигар манбаъҳои барқароршавандаи энергия, аз ҷумла неруи офтоб ва шамол, ба манфиат буда, дар ин самт асосноккунии 3 лоиҳа бо иқтидори умумии 260 мегаватт оғоз гардидааст, ки дар панҷ соли оянда татбиқ карда мешаванд».

Иқлими Тоҷикистон барои истифодаи энергияи офтобӣ мувофиқ буда, соле дар мамлакат 280- 320 рӯзи офтобӣ мешавад. Аз рӯи ҳисоби коршиносон, захираи энергияи офтобии Тоҷикистон тақрибан 25 млрд. киловатт/соатро дар як сол ташкил медиҳад, ки ин баробари талаботи яксолаи мамлакат ба неруи барқ аст.

Кормандони Институти физикаю техникии ба номи С. Умарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Ассотсиатсияи энергияи барқароршавандаи Тоҷикистон ва ҶСК «Системавтоматика» барои тарғиби истифодаи энергияи офтобӣ семинару конфронс ва намоиши таҷҳизоти офтобӣ доир мекунанд.

Хуб мешуд, ки дигар ниҳодҳо низ ин анъанаро дастгирӣ намуда, барои ба аҳли ҷомеа додани иттилооти бештар дар хусуси манфиати истифодаи самараноки энергияи офтобӣ ҳисса гузоранд.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

# ПАНҶ ТАЪКИДИ ПРЕЗИДЕНТ - РОҲНАМОИ ҶАВОНОН

***«Мо ба шумо ҷавонон - неруи бузурги созандаи кишвар эътимод мекунем ва бовар дорем, ки аз уҳдаи ин рисолати бузурги таърихӣ ва иҷрои вазифаи фарзандии хеш бо сарбаландӣ мебароед».***

**Иқтибос аз суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонони кишвар, 21 майи соли 2021**



### ЭЪТИМОД

Боиси ифтихор аст, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонон эътимоди хоса доранд. Ҷавонони имрӯза насли хушбахтанд, ки мунтазам ҷумлаи маъруфу эътимодноки «Ҷавонон – ояндаи миллат»-ро мешунаванд. Вақте ки бовар мекунанду ояндаро аз мо вобаста медонанд, неруи созанда ва захираи стратегии давлату миллат арзёбӣ мекунанд, бояд донист, ки маҳз ба ҷавонон вобаставу пайваста будани ояндаи давлату миллатро эътимод кардаанд.

Дар арафаи Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон қарор додем, панҷ таъкиди Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ёдовар шавем, ки барои мо - ҷавонон роҳнамо ҳастанд.

### АРЗИШҲОИ ЗИНДАГӢ

- Ватанро сидқан ва самимона дӯст доштан, бо он ифтихор кардан, барои ҳимояи он омода будан, ба қадри истиқлолу озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ расидан, шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ва эҳтироми падару модарро ба ҷо овардан аз ҷумлаи арзишҳое мебошанд, ки ҳар кадоми шумо – ҷавонон бояд ин арзишҳоро дастури зиндагии ҳаррӯзаи худ қарор диҳед, - таъкид карданд Пешвои миллат 23-юми майи соли 2022 дар Паёми шодбошӣ ба муносибати Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон.

Ҳар ҷавон ҳадди ақал як маротиба ба худаш савол медиҳад, ки оё Ватанро дӯст медорад ва ин омил дар чӣ зоҳир мегардад? Бесабаб нест, ки насли ҷавонро ба шукр кардан талқин мекунанд, зеро мо дар фазои ваҳдату якдилӣ зиндагӣ мекунем ва чӣ будани ҷангу нооромиро намедонем.

Президенти мамлакат таъкид мекунанд, ки бояд ба ҳимояи Ватан ҳамеша омода бошем ва метавон гуфт, ин таъкид сармашқи ҷавонони имрӯз қарор дорад. Ҳамин аст, ки шоҳиди ихтиёран ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ пайвастани ҷавонон мешавем.

### ҲАМҚАДАМИ ЗАМОН

Бисёр мешунавем, ки бояд насли нав баробар бо замон инкишоф ёбад. Ҳар навгониеро, ки метавон ба нафъи миллат истифода кард, омӯзанд. Таҳқиқотҳоеро анҷом диҳанд, ки кору зиндагии мардумро осон кунанд.

Дар ин бобат Президенти мамлакат соли 2022 дар вохӯрӣ бо ҷавонони фаъоли кишвар чунин таъкид карданд:

- Ифтихор дорем, ки ҷавонони мо ҳамқадами замони муосир мебошанд, талаботи асри навинро хуб дарк мекунанд, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дохили кишвар ва хориҷ аз он илму дониш меомӯзанд, забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои навтаринро аз худ менамоянд, ба корҳои илмиву таҳқиқотӣ машғуланд ва саъю талош доранд, ки ба ин васила, дар раванди ободонии Ватан ва пешрафти давлат саҳми назаррас гузоранд.

Зиёда аз 200 ҳазор ҷавон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар таҳсил мекунанд ва ин гувоҳи он аст, ки таъкиду боварии Сарвари давлатро ҷавонон ва волидони онҳо сармашқи кор қарор додаанд. Илова бар ин, 42 ҳазор ҷавони тоҷик дар кишварҳои гуногуни дунё таҳсил мекунанд.

Сохтану ба истифода додани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таъсиси факултету бахшҳо бо ихтисосҳои бозоргир дар кишвар аз таваҷҷуҳи хоса ба ояндаи ҷавонон дарак медиҳад. Таъсиси Маркази барномаҳои байналмилалӣ ва ташкили Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» шаҳодат медиҳад, ки барои ҳар чӣ хубтару беҳтар ба таҳсил фаро гирифтани ҷавонон дар хориҷи кишвар кӯшиш хеле зиёд аст.

### ТАЪМИН БА ҶОИ КОР

Бо ҷои кор таъмин кардани мутахассисони ҷавон дар бархе шаҳру навоҳӣ то андозае мушкил аст. Мушкил аз ду тараф аст ё ба ихтисоси соҳибдиплом дар минтақааш талабот нест ё ҷавон ба зодгоҳ баргаштан намехоҳад.

Дар масъалаи таъмини ҷавонон ба ҷои кор Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2021 чунин гуфта буданд:

- Роҳбарони вазорату идораҳо, раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва дигар сохтору мақомоти давлатӣ вазифадор карда мешаванд, ки тавассути ворид кардани технологияҳои пешрафта ва таъсиси корхонаҳои нави истеҳсолӣ барои ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ ва ҳар чӣ бештар бо шуғл таъмин кардани ҷавонон, бахусус дар деҳот, тадбирҳои иловагӣ андешида, ҳар моҳ ярмаркаи ҷойҳои холии корро баргузор намоянд.

Хушбахтона, Сарвари давлат аз мушкилоти ҷавонон бохабаранд ва барои ҳалли он чораҳои қатъӣ меандешанд. Ин ибтикорот сабаб аст, ки ҳазорҳо ҷавон барои таҳсил рӯҳбаланд гарданд, даҳҳо раису вазиру соҳибкор барои ташкили ҷойҳои кор ташаббус кунанд.

### ХИЁНАТ НАКУНЕД

Интернет ба сифати маҳсули фикрии ёрирасон ба ҳисоб рафта, агар истифодаи дурусти онро надонем, метавонад ҷавононро гумроҳ намояд. Ҷанбаҳои манфии истифодаи фазои маҷозӣ ин бештари вақт аудитория ва мухотабонро нашинохтан аст.

Дар баробари ин, мухотаб ҳам барои аз роҳи рост баромадани корбарони фазои маҷозӣ, ки аксаран ҷавон ҳастанд, метавонад хатар эҷод кунад.

Фиребу найранг, таҳдиду зӯроварӣ, хиёнату бадкешӣ аз тариқи интернет маъмул гардидааст. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2021 дар мулоқот бо ҷавонони огоҳи кишвар таъкид карданд:

- Шумо, фарзандони азиз, ҳеҷ гоҳ виҷдону имони худро нафурӯшед, ба Ватани маҳбубамон, миллати бостониамон ва давлати соҳибихтиёрамон ҳаргиз хиёнат накунед.

Боварӣ дорем, ки минбаъд низ таъкидҳои зикргардида ва кулли дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҷавонони мамлакат сармашқи кор қарор дода, беш аз пеш комёб мегарданд.

**Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ,**
**«Садои мардум»**

# ҶАВОНОН - НЕРУИ СОЗАНДАИ ВАТАН

**Ҷавонон ҳамчун неруи бузурги бунёдгару созандаи мамлакат эътироф шудаанд, зеро Тоҷикистон аз назари демографӣ дар ҳоли рушди доимӣ қарор дошта, аз нисф зиёди аҳолӣ, яъне қувваи асосии пешбарандаи онро ҷавонон ташкил медиҳанд. Табиист, ки бе иштироки фаъолонаи чунин неруи бузург рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангии давлатамонро тасаввур кардан ғайриимкон аст.**
**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояшон зикр мекунанд, ки ҷавонон ояндасози давлату миллатанд. Дар ин хусус мудири шуъбаи кор бо ҷавонони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мардихудо Давлатов чунин гуфт:**



- Дар ҷомеаи имрӯза барои пешбурди соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ мавқеи ҷавонон хеле муҳим аст, чунки ин қишри ҷомеа дорои афкори нав, неруи муҳими пешбаранда буда, истифодаи васеи технологияи муосирро дар истеҳсолот таъмин месозанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастгирии ҷавонон ва таъмини онҳо бо ҷойҳои нави корӣ, дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо донистани забонҳои хориҷӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, пешниҳодҳои ҷавононро барои инкишофи Ватани азизамон доимо дастгирӣ менамоянд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии кишвар зикр карданд, ки ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол неруи созандаи Ватан буда, нақши онҳо дар тараққиёти соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа бисёр назаррас мебошад. Инчунин, Пешвои миллат иброз намуданд, ки мо бо ҷавонони кишварамон ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд.

- Боиси ифтихори мо - ҷавонон аст, ки имсол «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 - 2026» ва «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023 - 2027» қабул гардид. Дар раванди ҷаҳонишавӣ ва бозиҳои геополитикии абарқудратҳо мо - ҷавононро зарур аст, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, ҳамеша барои ҳимояи манфиатҳои давлату миллати хеш талош варзем. Пешвои миллат дар Паём таъкид карданд, ки гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб кардани шаҳрвандон ба сафашон бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд. Дар робита ба ин, барои пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир мешаванд, зарур аст, ки Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад. Қобили зикр аст, ки хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ барои мо - ҷавонон мактаби ҷавонмардӣ ба ҳисоб рафта, дар рӯҳияи ватандӯстию ватанпарварӣ, худшиносию худогоҳӣ моро тарбия намуда, барои дифои якпорчагии Тоҷикистон омода менамояд, - гуфт Мардихудо Давлатов.

- Дар партави сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар 2 миллиону 300 ҳазор хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Соли 1991 ин нишондиҳанда ҳамагӣ 1 миллиону 325 ҳазор нафарро ташкил медод. Ғамхориҳои Ҳукумати кишвар нисбат ба ҷавонон ва наврасон боз дар он зоҳир мегардад, ки соли 2022 аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф 6 миллиарду 304 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 707 миллион сомонӣ ё худ 12,6 фоиз зиёд буда, 19 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетро ташкил медиҳад. Сарвари давлат ибрoз доштанд, ки бо истифода аз имкониятҳое, ки давлат ва Ҳукумати мамлакат фароҳам оварда истодааст, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олӣ бояд бо кашфиёту ихтироот, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва техникаву технологияҳои муосир дар рушди минбаъдаи иқтисоди миллиамон саҳми фаъолтар гузоранд.

- Мо - ҷавонон ҳамчун пайравони Пешвои миллат кӯшиш менамоем, ки барои ободии Ватани азизамон беш аз пеш саҳм гузорем, - хулоса кард Мардихудо Давлатов.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ,**
**«Садои мардум»**

# БУНЁДКОРӢ, МУҶАҲҲАЗГАРДОНӢ ВА ПЕШСАФӢ

## Ба шарофати муҳтарам Рустами Эмомалӣ рушду такомули пойтахт, аз ҷумла соҳаи маориф, бардавом ва дар сатҳи хубу сифати баланд аст

(Идома аз саҳ. 1)

Роҳандозии низоми муосири иттилоотӣ тавассути «Барномаи электронии eDonish» дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе низ самараи таваҷҷуҳи хосаи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ мебошад. Муҳим он аст, ки барномаи мазкур пурра ройгон буда, ҳамаи хароҷот вобаста ба татбиқи он бо дастгирии муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе пардохт шудааст.

Ҳамасола ташкил ва баргузории олимпиадаҳо дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, озмунҳои ҷумҳуриявии «Илм -фурӯғи маърифат», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон - Ватани азизи ман», озмунҳои шаҳрии «Забон донӣ - ҷаҳон донӣ», «Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм», озмунҳо барои ноил шудан ба номи пуршарафи гирандаи Стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистону Стипендияи Раиси шаҳри Душанбе, дигар озмуну мусобиқаҳои зеҳнӣ, аз қабили «Китоб - сарчашмаи рушди тафаккур» (байни мураббиёну омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таълимӣ), «Беҳтарин кабинети методӣ» (миёни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ), «Донояконр» (сабқати тарбиягирандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ) ҷузъе аз фаъолияти маорифмеҳвари муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба ҳисоб меравад.

Боиси хурсандист, ки шумораи иштирокчиён ва гирандагони стипендияҳо сол аз сол зиёд шуда истодааст. Таҳлилҳо гувоҳи онанд, ки соли таҳсили 2020-2021 барои дарёфти Стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳри Душанбе 800 нафар ширкат варзида, 43 кас муваффақ гаштанд. Соли таҳсили 2021-2022-юм 2000 хонанда дар озмун ширкат варзида, 312 кас ғолибиятро ба даст оварданд. Соли равон аз 2500 довталаб 320 нафарашон комёб гаштанд, ки мутаносибан 1700 довталаб ва 277 гирандаи стипендия зиёд аст.

Шумораи довталабони Стипендияи Раиси шаҳри Душанбе низ имсол дар муқоиса ба соли 2021- ум 626 нафар зиёд гашт. Лозим ба ёдоварист, ки соли 2022 шумораи довталабон 3941 нафар ва соли 2021- ум 3371 кас буд.

Натиҷаҳои даври ниҳоии олимпиада аз фанҳои таълимӣ низ арзандаи ситоиш мебошанд. Барои мисол, агар соли таҳсили 2020-2021 шаҳри Душанбе дар умум 663 мақоми ифтихориро ба даст оварда бошад, соли таҳсили 2021-2022 муҳассилини пойтахт 1087 ҷойи ифтихориро соҳиб шуда, дар ҷумҳурӣ пешсаф гардиданд.

Шоистаи зикр аст, ки дар соли таҳсили 2022-2023 сабқати хонандагон идома дошта, то ин вақт хонандагони пойтахт 289 медал ба даст оварданд ва мо ба натиҷаҳои аз ин беҳтар боварӣ дорем.

- Ифтихормандем, ки хонандагони пойтахт бо муҳасиллини бештар аз 90 кишвари дунё қувваозмоӣ карда, ба комёбиҳои назаррас ноил гашта истодаанд. Аз ҷумла, дар соли 2022 хонандагони пойтахт соҳиби 248 медал аз олимпиадаҳои байналмилалӣ гардида, 647 медали дигарро дар олимпиадаҳои байналмилалӣ (фосилавӣ) ба даст овардаанд. Шоистаи зикр аст, ки ин нишондод дар панҷмоҳаи аввали соли 2023-юм 18 медалро ташкил медиҳад.

Ҷамъбасти ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» дар соли 2022 шаҳодати он аст, ки иштирокчиёни он аз шаҳри Душанбе аз 95 ҷойи ифтихорӣ 33-тоашро ба даст оварда, дар маҷмӯъ соҳиби ҷойи аввал гаштанд.

Дар озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» низ шаҳри Душанбе пешсаф буда, аз 71 ҷой 43 ҷойро ишғол намуд, ки 60,5 фоиз ҷойҳоро ташкил медиҳад. Дар даври ниҳоии озмуни «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» аз 77 ғолиб ба шаҳри Душанбе 33 ҷой ва 3 Шоҳҷоиза рост меояд. Ҷоиз ба зикри алоҳида аст, ки аз теъдоди зикршуда 12 нафар хонандагони муассисаҳои таълимӣ буда, ин нишондиҳанда нисбат ба соли пеш зиёд мебошанд, - гуфт сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе.

Баргузории нахустозмуни шаҳрии «Ту қалби Тоҷикистонӣ, Душанбе» бахшида ба Ҷашни 30 - солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ва Фестивали 2-юми байналмилалии эҷодиёти бадеии кӯдакон ва наврасон таҳти унвони «Шукуфаҳои пойтахт» барои дарёфти истеъдодҳо такони ҷиддӣ бахшиданд.

Дар доираи эълон гардидани соли 2022 «Соли мутолиаи китоб» дар шаҳри Душанбе дар ҳамкорӣ бо Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Форуми якуми навқаламон ва эҷодкорони навраси шаҳри Душанбе таҳти унвони «Килки сабз» баргузор гардид. Ба шарофати ин иқдом аз 160 иштирокчӣ 55 нафар сазовори Шаҳодатномаи навқаламон ва эҷодкорони навраси шаҳри Душанбе гашта, маҷмӯаи шеъру ҳикояҳояшон нашр шуд. Бо назардошти натиҷаҳои назаррас ибтикори мазкур соли ҷорӣ низ амалӣ мешавад.

Нишондиҳандаҳо дар самти пешбурди фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ низ назаррас буда, ҳамасола «Ҳафтаи илм, технология, инноватсия ва ихтироъкории наврасону ҷавонони шаҳри Душанбе» ва дар заминаи он Форуми наврасону ҷавонони шаҳри Душанбе оид ба технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ доир мегардад.

Барои ҳавасмандгардонӣ ба фаъолияти мустақилонаи илмиву амалӣ, бедор намудани ҳисси зебоипарастӣ, тарғиби ҳунарҳои мардумӣ се сол аст, ки дар шаҳри Душанбе олимпиада аз фанни технология доир мешавад. Ёдовар бояд шуд, ки ин таҷрибаи нахустин дар кишвар буда, барои касбинтихобкунии хонандагон шароити мусоид фароҳам овардааст.

Бо ташаббуси Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар робита ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» озмуни шаҳрии «Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм» аз рӯйи 6 номинатсия ва барои амалигардонии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» озмуни шаҳрии «Забон донӣ - ҷаҳон донӣ» баргузор шуда, дар муддати кӯтоҳ маҳбубияти зиёд пайдо кардаанд.

Дастовардҳои хатмкунандагони соли таҳсили 2021-2022 низ назаррас буда, 13 хатмкунандаи синфи 11 муассисаи таълимиро бо медали тилло хатм намуданд, ки дар қиёс ба соли таҳсили 2020-2021 зиёд аст.

Аз ҷониби филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар шаҳри Душанбе кормандони соҳа ба курсҳои такмили ихтисос фаро гирифта шуда, дар ин раванд ба омӯзиши технологияҳои навтарини иттилоотӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад.

Бо дастгирии Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ 22 омӯзгори шаҳри Душанбе барои такмили ихтисос ба шаҳрҳои Москва, Санкт-Петербурги Федератсияи Россия, шаҳри Тошкенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, шаҳри Алма-атои Ҷумҳурии Қазоқистон сафарбар гардиданд.

Лозим ба ёдоварист, ки таи ду сол 7 омӯзгори шаҳри Душанбе ғолиби озмун барои дарёфти «Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» гашта, имсол низ даври шаҳрии озмун дар сатҳи зарурӣ ташкил гардида, ғолибони даври шаҳрӣ барои иштирок дар даври ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифтанд.

Боиси ифтихор аст, ки ҳамасола аҳли маориф дар чорабиниҳои бахшида ба «Рӯзи пойтахт», таҷлили «Рӯзи омӯзгор», конференсияи августии кормандони соҳаи маорифи пойтахт бо мукофот ва ифтихорномаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе қадрдонӣ мегарданд. Аз ҷумла, дар арафаи таҷлили Рӯзи омӯзгор ба 111 омӯзгору мураббӣ, ки шогирдонашон дар олимпиадаи сатҳи ҷумҳуриявӣ, озмунҳои шаҳрии «Килки сабз», «Ватанпарвар», «Донояк» мақомҳои ифтихориро ишғол намуданд, 3 000 сомонӣ, 36 омӯзгор, ки шогирдонашон дар олимпиадаи шаҳрӣ аз фанни технология (таълими меҳнат) ғолиб омаданд, 2 000 сомонӣ туҳфа гардид.

Ба ғайр аз ин, 35 омӯзгоре, ки шогирдонашон дар озмунҳои ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат», 42 омӯзгоре, ки шогирдонашон дар озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», ғолибони даври шаҳрии озмунҳои касбии «Омӯзгори сол», «Мураббии сол» гаштаанд, бо 10 000 сомонӣ қадрдонӣ гардиданд.

Дар конференсияи августии кормандони соҳаи маорифи пойтахт 53 собиқадори соҳаи маорифи пойтахт бо туҳфаҳои хотиравии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе қадрдонӣ гардида, дар маҷмӯъ 75 корманди соҳаи маориф бо нишони Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 нафар Ифтихорномаи Раиси шаҳри Душанбе, 50 нафар Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 227 нафар Ифтихорномаи Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе сарфароз шуданд.

- Дар партави сиёсати хирадмандона ва бунёдкоронаи Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҳамовозӣ ба иқдомҳои созандаи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ мо вазифадорем фаъолиятамонро беш аз пеш тавсеа бахшида, рисолати худро вобаста ба тарбияи насли наврас дар рӯҳияи худогоҳиву ватандӯстӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои милливу давлатӣ дар сатҳи хубу сифати баланд ба сомон расонем.

Мутмаинам, ки бо дастгирии ҳамдигар дар ин самт минбаъд низ комёб хоҳем буд, - суҳбатамонро хулоса намуд Баҳром Исмоилзода.

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

**Хонандагони азиз, Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

# ЭЪЛОН!

## Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин озмун эълон менамояд:

**1. Сардори шуъбаи илм ва муассисаҳои таълимӣ - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии гуманитарӣ;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 2 220,10 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**2. Сардори шуъбаи идоракунии корҳо ва назорат - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии гуманитарӣ;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 2 220,10 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**3. Сардори шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани 2 забони хориҷӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 2 220,10 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**4. Сардори бахши танзими техникӣ – 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии муҳандисӣ - сохтмонӣ, техникӣ;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1825 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**5. Сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1660 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**6. Сармутахассиси бахши танзими техникӣ – 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии муҳандисӣ - сохтмонӣ, техникӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1660 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**7. Сармутахассиси шуъбаи таҳлил ва дурнамои иқтисодӣ – 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии иқтисодӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1660 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**8. Сармутахассиси шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ ва ё гуманитарӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1660 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**9. Мутахассиси пешбари раёсати санъат - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбии соҳаи санъат ва фарҳанг;
- 1 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 2 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1352,90 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**10. Мутахассиси пешбари раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ – фароғатӣ ва ҳунарҳои мардумӣ - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбии соҳаи фарҳанг;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1112,20 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**11. Мутахассиси пешбари шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки ухдадориҳои мансабии маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 2 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1352,90 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**12. Мутахассиси пешбари шуъбаи таълим ва муассисаҳои таълимӣ- 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки ухдадориҳои мансабии маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 1 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 2 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1352,90 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**13. Мутахассиси раёсати санъат - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбии соҳаи санъат ва фарҳанг;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1112,20 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ**

**14. Мутахассиси раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ – фароғатӣ ва ҳунарҳои мардумӣ - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбии соҳаи санъат ва фарҳанг;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1112,20 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**15. Мутахассиси шуъбаи аудити дохилӣ - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ;
- на кам аз 1 сол собиқаи меҳнатӣ аз рӯи ихтисос;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1352,20 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**16. Мутахассиси шуъбаи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста - 1 ҷой**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

**Маоши мансабӣ - 1660 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.**

**Довталабон ба озмун ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод мекунанд:**

- аризаи шахсӣ ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо бо 2 дона сурати андозаи 4х6 (маълумоти шахсӣ ва фаъолияти меҳнатӣ дақиқ ва фаҳмо нишон дода шавад);
- тарҷумаи ҳол (хаттӣ ва чопӣ);
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли № 038);
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (ИНН);
- маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;
- маълумотнома аз ҷои истиқомат;
- маълумотнома оид ба доштан ва ё надоштани доғи судӣ;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи шаҳодатномаи ақди никоҳ;
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);
- маълумотнома аз ҷои истиқомат (ҳайати оила);
- маълумотнома (объективка) дар шакли хаттӣ ва электронӣ.

**Эзоҳ:** *Барои довталабон донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос, малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ зарур буда, донистани забонҳои хориҷӣ бартарӣ дорад.*

**Қабули ҳуҷҷатҳо - дар мӯҳлати 21 рӯз аз рӯзи нашри якуми эълон дар бораи гузаронидани озмун .**

**Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо ва баргузории озмун:**

**734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ - 34, тел.: 223-19-71 ва 221-04-23** сайти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон **www.vfarhang.tj.**

# ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ «РУШДИ ВОДИИ ЗАРАФШОН»

## ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2022

**ҲИСОБОТ ОИД БА ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ**

Ба санаи 31-уми декабри соли 2022

| | Эзоҳ | 31 декабри соли 2021 | 31 декабри соли 2022 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ | 4.1. | 1 283 665 | 209 816 |
| Сандуқи қарзии соф | 4.2. | 10 790 992 | 2 923 635 |
| Сармоягузорӣ | 4.4. | 7 305 500 | 16 320 200 |
| Дороиҳои дигари ҷорӣ | 4.5. | 215 863 | 605 500 |
| Воситаҳои асосӣ | 4.3 | 283 207 | 292 048 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 4.3. | 48 847 | 347 551 |
| Гарави гирифташуда барои фурӯш | | - | - |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **19 928 074** | **20 885 604** |
| **УҲДАДОРИҲО** | | | |
| Ҳисобҳо барои пардохт | 4.6. | - | - |
| Уҳдадориҳои ҷорӣ | 4.6 | 137 943 | 318 414 |
| Даромади тамдидшуда-грант | 4.6 | | - |
| **Ҳамаги уҳдадориҳо** | | **137 943** | **318 414** |
| **САРМОЯ** | | | |
| Захираи умумӣ | 4.7 | 206 378 | 206 378 |
| Захира барои амлиётҳои ояндаи ташкилот | 4.8 | 9 263 767 | - |
| Дигар захираҳои сармоя | 4.9 | 221 939 | 9 485 706 |
| Фоидаи тақсимнашуда | 4.10 | 9 853 024 | 10 357 215 |
| Фоидаи софи соли ҷорӣ | 4.11 | 245 023 | 517 891 |
| **Ҷамъи сармоя** | | **19 790 131** | **20 567 190** |
| **Ҳамагӣ сармоя ва уҳдадориҳо** | | **19 928 074** | **20 885 604** |

Директор Додхоев С.С.

Сармуҳосиб Неъматов Х.Т.

**ҲИСОБОТ ОИД БА МАҶМӮИ ДАРОМАД**

Барои давраи ҳисоботи, ки 31-уми декабри соли 2020 ба анҷом мерасад

| | Эзоҳ | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 5.1 | 2 932 785 | 3 878 017 |
| Хароҷоти фоизӣ | 5.1 | (13 890) | (42 502) |
| **Даромади софи фоизӣ то ташаккул (барқароркунии) ФПТИ** | | **2 918 895** | **3 835 515** |
| **Даромад (хароҷоти) соф аз ташкили ФПТИ** | | **(482 027)** | **(438 226)** |
| **Даромади софи фоизӣ баъд аз ташаккул (барқароркунии) ФПТИ** | | **2 436 868** | **3 397 289** |
| Фоида/зарар аз амалиётҳои асъорӣ | | - | - |
| Даромад (хароҷот) ғайрифоизӣ | 5.1 | (32 682) | (35 176) |
| Хароҷоти амалиётӣ | 5.2 | (2 665 331) | (2 807 333) |
| **Даромад (хароҷоти) соф аз фаъолияти амалиётӣ** | | **(2 698 013)** | **(2 842 509)** |
| **Даромад (хароҷоти) ғайриамалиётӣ** | | **731 560** | **99 343** |
| **Фоидаи андозбандишаванда** | | **470 415** | **654 123** |
| Андоз аз фоида | 5.3 | (225 392) | (136 232) |
| **Фоидаи софи давра** | | **245 023** | **517 891** |
| ***Дигар даромади умумӣ:*** | | | |
| **Таъсироти азнавбаҳодиҳии амвол** | | - | - |
| **Ҳамагӣ дигар даромади умумӣ** | | - | - |
| **Ҳамагӣ даромади умумӣ** | | **245 023** | **517 891** |

Директор Додхоев С.С.

Сармуҳосиб Неъматов Х.Т.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шартномаи ҳадяи ҳиссаи хонаи истиқоматии силсилаи ДШ №0089320 таҳти феҳристи №1Ш-759-и гумшуда, ки онро Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юми июни соли 2011 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Дӯстии халқҳо, бинои 88 «В» ҳуҷраҳои 4, 5, 6 ба Саидов Ҳикматулло Абдуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории таҳти қайди 10057-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Дӯстии халқҳо, бинои 88«В», ҳуҷраҳои 4,5, 6 ба Саидов Ҳикматулло Абдуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Гувоҳномаи шахсияти афсарии силсилаи ЧТ № 013415, ки онро Сарраёсати қӯшунҳои сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 ба Шарипов Сангалӣ Нуралиевич додааст ва номбурда онро 20-уми майи соли 2023 бо сабабҳои барояш номаълум гум кардааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯи гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2021 ба Назаров Соҳибҷон Юлдошбойевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Ғафурҷонов Азимҷон Мансурович додааст, эътибор надорад.

✓ Муҳри гумшудаи ҶДММ «Диёри гулҳо» (РМА 120040713) эътибор надорад.

✓ Дархости гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2020 ба Наврӯзмаҳмадов Шоҳинбек Атомаҳмадович барои бо кор таъмин шудан дар Ҷамоати деҳоти Роштқалъаи ноҳияи Роштқалъа додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати такрории силсилаи Т-ШТУ № 0584430-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Қубодиён 5-уми майи соли 2012 ба Зокирова Лола Пошоқуловна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши силсилаи ДШ № 0196769-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 10-уми июни соли 2004 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Дониш, бинои 56, ҳуҷраи 3 ба Плясунова Любовь Илларионовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 37-и шаҳри Душанбе соли 1993 ба Абдуллоева Адиба Абдуқодировна додааст, эътибор надорад.

✓ Муҳри гумшудаи ҶДММ «Лутф-55» (РЯМ 1910004195, РМА 190008665), ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0245680 аз 23-юми феврали соли 2013 мебошад, эътибор надорад.

✓ Шартномаи №96-и гумшуда оид ба ҳамкорӣ ва сармоягузорӣ тариқи бартерӣ дар сохтмони хонаҳои баландошёнаи истиқоматии бисёрҳуҷра (квартира)-гӣ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, хиёбони С. Шерозӣ, ки 22-юми июли соли 2022 байни ҶДММ «Ҷовид» ва Табаров Соҳиб Файзуллоевич, сокини шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Абдуллоев, бинои 117, ҳуҷраи 13 баста шудааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии мағозаи №2-и дорои №3422-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Ваҳдат соли 1970 ба Тағоев Дӯстмурод Бозорович, сокини деҳаи Хоҷабойқули Ҷамоати деҳоти Хоҷабойқул (ҳоло деҳаи Меҳрбахши Ҷамоати деҳоти Р. Исмоилов) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи АБ № 001086-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №60-и шаҳри Душанбе соли 1997 ба Ишонов Хайрулло Муталибович додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ҶДММ «Лола-2013» (РЯМ 0410020408, РМА 040040302) фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократии ва волоияти қонун

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

*Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 22 майи соли 2023, соати 16:50 иҷозат дода шуд. Адади нашр 35705 нусха*

Навбатдори шумора А. Мирзозода

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97